# Х У Л О С А И  А У Д И Т О Р Ӣ

**оид ба натиҷаи аудити мутобиқат ва молиявии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Маркази савдои Тоҷикистон» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз 01.10 соли 2023 то 01.09 соли 2025.**

**1.** Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва моддаи 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯйи натиҷаи чорабинии аудиторӣ дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Маркази савдои Тоҷикистон” - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2023 – 2025, вобаста ба риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ, дурустии банақшагирию истифодабарии маблағҳои давлатӣ, нигоҳдории моликияти давлатӣ ва таҳияи ҳисоботи ҷамъбастӣ омода гардида, дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

**2.** Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Маркази савдои Тоҷикистон” - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Ҷамъият) дар асоси Кодекси гражданӣ, Қонун “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, Муассиси он Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**2.1.** Мақсади асосии фаъолияти Ҷамъият ба даст овардани фоида ба ҳисоб рафта, барои ба даст овардани фоида Ҷамъият ҳуқуқ дорад ҳамма намуди фаъолиятро, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд, амалӣ созад, аз ҷумла, ташкили савдо ва хизматрасонии босифат ба аҳолӣ ва гузаронидани маъракаҳои фуруши маҳсулоти ниёзи мардум, ташкили нуқтаҳои фурӯши маҳсулот дар ҳудуди Ҷамъият, истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулоти гуногун, ба роҳ мондани хариду фурӯши маҳсулоти ниёзи мардум тариқи нуқтаҳои савдои замонавӣ, фаъолияти савдо ва харид, интишори маҳсулоти чопӣ ва паҳн кардани онҳо, созмон додани студияи радио бо ҳуқуқи пахши он дар ҳудуди Ҷамъият ва берун аз ҳудуди он ва дигар амалҳоро иҷро намояд.

**3.** Ҷамъият субъекти мустақили худмаблағгузор буда, фаъолияташ аз хизматрасонӣ, яъне ба иҷора додани масоҳати бинои дар ихтиёраш буда, иборат мебошад.

**3.1.** Ба иҷора додани масоҳати биниҳо ҳамчун нуқтаҳои савдо дар асоси шартномаҳои тарафайн амалӣ карда шуда, нархномаи иҷорапулии як метри мурабаъи биноҳо дар асоси муроҷиати хаттии роҳбари Ҷамъият ба Роҳбари Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.12 соли 2022, №416 тасдиқ карда шудааст.

**3.2.** Муайян гардид, ки нархномаи як метри мурабаъ дар ошёнаи якум 200,0 сомонӣ, дар ошёнаи дуюм 40 сомонӣ, дар ошёнаи сеюм 15,0 сомонӣ, дар анбор 10,0 сомонӣ, дар нуқтаи фӯруши маҳсулотҳои хӯрока 80,0 сомонӣ, ҷойгир намудани монитори дохили бино аз ҳар як нуқта 50,0 сомонӣ, таваққуфгоҳи нақлиётӣ 2,0 сомонӣ, ошхонаи беруна 80,0 сомонӣ ва аз ҳар як нуқтаи шахсони инфиродие, ки берун аз бинои асосӣ фаъолият мекунанд, зиёда аз 400,0 сомонӣ муайян карда шудааст.

**3.3.** Таҳлилҳо нишон доданд, ки Ҷамъият дар солҳои 2023 – 2025 масоҳати иншоотҳои дар ихтиёраш будаpo тибқи тартиби ҷойдошта дар як моҳ ба шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ мутаносибан ба 223 нафар ба масоҳати 5029 м2 ба маблағи 373330,0 сомонӣ, ба 229 нафар ба масоҳати 5145 м2 ба маблағи 381011,0 сомонӣ ва 231 нафар ба масоҳати 5151 м2 ба маблағи 402696,0 сомонӣ ба иҷора супоридааст.

**3.3.1.** Даромади умумии Ҷамъият аз ҳисоби иҷораи амволи давлатӣ бо назардошти ААИ дар давраи таҳти аудит қарор дошта мутаносибан 4072,2 ҳазор сомонӣ, 4272,8 ҳазор сомонӣ ва 2114,2 ҳазор сомониро ташкил менамояд.

**3.3.2.** Ба ҳолати 01.07 соли 2025 қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ аз ҳисоби пардохти маблағи иҷораи амволи давлатӣ муайян карда нашуд.

**4.** Хароҷоти Ҷамъият дар давраи таҳти аудит қарор дошта асосан барои пардохти музди меҳнати кормандон, андоз аз даромади шахсони воқеъӣ, андози нафақавӣ, ААИ, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз амволи ғайриманқул, ҲХДТ, иттифоқи касаба 1%, хароҷоти қувваи барқ, хароҷоти коммуналӣ, хизматрасонии бонкӣ ва дигар хароҷотҳои ҳисобкардашуда равона карда шудааст.

**4.1.** Инчунин дар асоси дастурҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон дар давраи таҳти аудит қарор дошта бахшида ба рузи “Модар” ба суратҳисоби Иттифоқи касабаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон мутаносибан 457,6 ҳазор сомонӣ, 750,0 ҳазор сомонӣ, 817,0 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2023 ҷиҳати ороиши саҳнаи Кохи Борбад ба маблағи 393,8 ҳазор сомонӣ гузаронида шудааст.

**5.** Арзёбии дурустии ҳисоб ва пардохт намудани маблағи иҷорапулӣ аз тарафи шахсони воқеъӣ дар давраи таҳти аудит қарордошта муайян намуд, ки дар ин давра аз ҷониби 10 нафар шахсони воқеъӣ ба маблағи 18365,29 сомонӣ арзиши иҷораи амволи давлатӣ кам ҳисоб гардида ба буҷет пардохт карда шудааст, ки дар рафти аудит пурра ба буҷети дахлдор пардохт карда шуд.

**5.1.** Ба масъулини Ҷамъият тавсия дода мешавад, ки масоҳати умумии бинои Ҷамъият, ки ба шахсони ҳуқуқию воқеъӣ ба иҷора шудааст, мавриди бозбинӣ қарор дода шуда, пеши роҳи қоидавайронкуниҳо дар ин самт гирифта шавад.

**6.** Таҳлили ҳисоботи молиявии шакли 2 “Ҳисобот оиди фоида ва зарар” - и Ҷамъият дар солҳои 2023, 2024 ва нимсолаи аввали соли 2025 муайян намуд, ки даромади умумии Ҷамъият мутаносибан 4072,2 ҳазор сомонӣ, 4272,8 ҳазор сомонӣ ва 2114,2 ҳазор сомонӣ, хароҷотҳои умумӣ бошанд дар ин давра 2318,2 ҳазор сомонӣ, 2499,1 ҳазор сомонӣ ва 1318,4 ҳазор сомониро ташкил намуда, ҷамъият солҳои молиявии таҳти аудит қарор дода шударо бо фоида ба маблағи 1753,9 ҳазор сомонӣ, 1773,7 ҳазор сомонӣ ва 784,5 ҳазор сомонӣ ҷамъбаст намудааст.

**6.1.** Муайян гардид, ки тибқи баҳисобгирии андозӣ фоидаи софи Ҷамъият дар солҳои 2022 – 2023 мутаносибан 1721,4 ҳазор сомонӣ ва 2045,1 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин ҳисоб дар маҷмӯъ ба маблағи 1017,0 ҳазор сомонӣ фоидаи соф (30 дарсад) барои пардохт ҳисоб карда шуда, аз ҷониби мақомоти дахлдор талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад» аз 28.02 соли 2025, №115 риоя нагардида, дар соли 2025 аз ҳисобварақаи Ҷамъият дигар пардохтҳои ҳатмии буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 1017,0 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷет кам карда шуда, аз ҳисоб баровarда шудааст.

**6.2.** Тибқи талаботи қарори болозикр масъулини Ҷамъият дар аввал мебоист бақияи қарз танзим гардида, баъдан аз ҳисобварақа бароварда мешуд. Бинобар ин, дар рафти аудит маблағи мазкур бо талаботи қарори мазкур танзим гардида, маблағи 376650,10 сомонӣ бо рамзи 94 ба суратҳисоби 26202972007193101374 пардохт карда шуд.

**6.3.** Ба масъулини Ҷамъият тавсия дода мешавад, ки дар оянда, талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад» аз 28.02 соли 2025, №115 риоя намуда, пардохтҳои ҳатмии аз ҳисоби фоидаи соф ба даст омадаро дар мухлатҳои муайянгардида ба буҷети ҷумҳуриявӣ пардохт намоянд.

**7.** Муайян гардид, ки аз ҷониби масъулини Ҷамъият, иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” нодида гирифта дар давраи таҳти аудит қарор дошта як қисм амалиётҳои вобаста ба даромад ва хароҷотро тавассути хазина ба таври нақдӣ ба роҳ модаанд.

**7.1.** Ба масъулини Ҷамъият тавсия дода мешавад, ки минбаъд фаъолияти молиявии худро дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” ба роҳ монанд.

**8.** Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳисоб ва пардохт намудани музди меҳнати кормандони Ҷамъият дар доираи фонди музди меҳнат, дар асоси табели рузҳои корӣ ба роҳ монда шуда, дар рафти гузарондани чорабинии аудиторӣ ҳолатҳои

нодуруст ҳисоб ва пардохт намудани музди меҳнати кормандон муайян карда нашуд.

**9.** Муайян гардид, ки бақияи қарзи дебитории Ҷамъият ба ҳолати 01.01 соли 2025 маблағи 1174,1 ҳазор сомониро ташкил намуда, нисбат ба аввали соли қаблӣ ба маблағи 617,6 ҳазор сомонӣ ё 53,4 фоиз зиёд буда, бақияи қарзи кредитории Ҷамъият бошад, маблағи 1850,1 ҳазор сомониро ташкил намуда, нисбат ба аввали соли гузашта ба маблағи 63,4 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

**9.1.** Бояд қайд намуд, қарздории дебиторӣ ва кредитории Ҷамъият ба ҳолати 01.01 соли 2025 ба миён омада асосан аз рӯйи амалиётҳои ҷории хоҷагидорӣ буда, ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат мебошанд, ки метавонанд давра ба давра тағйир ёбанд.

**10.** Дар натиҷаи арзёбии ҳисоббаробаркунӣ Ҷамъият бо буҷет муайян гардид, ки масъулин аз ҳисоби иҷрои кору хизматрасониҳо ва хариди молу маҳсулотҳо ҳангоми пешниҳоди эъломияи ААИ ба хатогиҳо роҳ дода, дар натиҷа ба қадри 51374,70 сомониро дар эъломияи ААИ кам ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардидааст. Дар рафти чорабинии аудиторӣ маблағи мазкур ба буҷет пардохт кард шуд.

**11.** Арзёбии дурустии ҳисоб ва ба арзиши аслии кору хизматрасониҳо бурдани хароҷотҳои истеҳсолии Ҷамъият дар соли 2024 муайян намуд, ки дар ин давра масъулин бе асосҳои воқеъӣ арзиши аслии кору хизматрасониҳоро ба маблағи 75640,0 сомонӣ зиёд нишон додаанд.

**11.1.** Бинобар ин, тибқи талаботи Кодекси андоз аз маблағи 75640,0 сомонии барзиёд дар хароҷотҳо нишон дода шуда, ба қадри 18 фоиз ё ба маблағи 13615,20 сомонӣ андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02 соли 2025 №115 "Дар бораи танзими фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад" ба қадри 10 фоиз ба маблағи 6202,50 сомонӣ суди саҳмия ҳисоб ва ба буҷети дахлдор пардохт карда шуд.

**11.2.** Ба масъулини Ҷамъият тавсия дода мешавад, ки дар ҷамъбасти солҳои молиявӣ арзиши аслии кору хизматрасониҳоро дуруст муайян намуда, аз ин ҳисоб пардохтҳои андозию ғайриандозии ба буҷет тааллуқ дошатро пурра дар муҳлатҳои муайяншуда пардохт намоянд.

**12.** Дар таркиби вайронкунии қоидаҳои молиявии муайянгардида наандешидани чораҳо, ки боиси рӯйпуш гардидани объектҳои андозбандӣ, саркашӣ ва ё кам пардохт намудани андозҳои ҳисобшуда ва дигар ухдадориҳои пардохтӣ ба буҷет гардида 64,9 ҳазор сомонӣ, риоя нашудани тартиби аз ҳисоб баровардани қарзи андозии беэътимод эътирофшуда 376,6 ҳазор сомонӣ, нодуруст ҳисоб намудани суди саҳмияҳои корхонаҳои давлатӣ ва чамъиятҳои хоҷагидорие, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад, ки боиси ба буҷет ва ворид шудани маблағҳо гардидааст 6,2 ҳазор сомонӣ ва кам

нишон додани иҷорапулӣ ҳангоми супоридани амволи давлатӣ ба иҷора ва сари вақт ё нопурра пардохт гардидани иҷорапулӣ 18,4 ҳазор сомонӣ, дар маҷмуъ 466,2 ҳазор сомониро ташкил менамояд.

**13.** Ҳамин тариқ ба истиснои таъсири камбудию норасоиҳои муайяншудаи барои солҳои 2023 – 2024 ва нимсолаи аввали 2025 дар ҳисоботи молиявӣ ва дигар ҳисоботҳо фаъолият, амалиёт ва маълумотҳои молиявӣ вобаста ба тамоми масъалаҳои муҳим, инъикос карда шудаанд, мусбӣ арзёбӣ гардида ба меъёру талаботи муқарраршуда мутобиқат доранд.

Сараудитор М.Маҳмадализода